# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 12: Political Leaders and Political Elites**

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 12: Пешвои  сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Моҳият ва хусусияти сарварӣ
2. Таълимоти сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик доир ба сарвари сиёсӣ
3. Назарияҳо доир ба пайдоиши сарварон
4. Шароитҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ
5. Навъҳои зубдагони сиёсӣ ва вазифаҳои зубдагони сиёсӣ
6. Назария ва омилҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ

## 1. Моҳият ва хусусияти сарварӣ

Дар сиёсатшиносӣ доир ба мафҳуми сарвар, пешво, доҳӣ, лидер, ки ин ҳама муродифи ҳамдигаранд, ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд, агарчӣ дар вақтҳои охир истилоҳи «лидер» бештар вирди забонҳост.

Лидер, ки лафзи англисист ва маънии пешбаранда, идоракунандаи шахсони дигарро дорад, аз он хотир бештар қобили истеъмол аст, ки гӯё маҳз ҳамин мафҳум, нақш, ҷо ва вазифаи онро аниқ инъикос менамояд. Синонимҳои ин калима дар забони тоҷикӣ бо мафҳумҳои пешво, доҳӣ сарвар маъмул буда, дар гуфтугӯҳои муқаррарӣ бештар калимаи сарвар ва ё роҳбарро истифода менамоянд. Аз ин мавқеъ сарвар касест, ки гурӯҳ ё синф, ё гурӯҳҳою синф ва дигар табақаҳои ҷамъиятро баҳри иҷрои амале ҳидоят намуда, ба онҳо роҳу равиш ва таҳлили ҳалли он амалро нишон дода, баҳри расидан ба ҳадафи ниҳоӣ онҳоро аз қафои хеш бурда метавонаду роҳбарӣ менамояд.

Манучеҳр Ал-Малик, мегӯяд…. Худои азза ва ҷалла ба бузургии хеш ин мулк маро дод ва мо ӯро сипос дорем ва аз вай хоҳем, то моро бар яқин бидорад, то мо бидонем, ки ин ҳама аз вай аст ва бозгашт боз вай аст. Ва огоҳ бошед, ки Моликро бар сипоҳу раият ҳақ бувад ва раиятро низ бар Молик ҳақ бувад… Ва эшон Моликро чунонанд, чун пару думи мурғ. Ва мурғ бе пару дум ба кор наояд… Ва бидон, ки моликро бояд, ки дар ӯ се хислат бувад: яке ростгӯӣ, ки дурӯғ нагӯяд ва дигаре босаховат бувад ва бахилӣ накунад ва сеюм хашм накунад, зеро ки халқ худ зердасти ӯянд…[1].

1.Табарӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир. *Таърихи Табарӣ*. Ҷилди 1. Душанбе: Нашриёт, 1992, саҳ. 210–211.

Алҳол дар сиёсатшиносии муосир доир ба маҳфуми пешвои сиёсӣ таърифҳои зиёде вуҷуд дорад, аммо сетои он ҷолиби диққатанд:

1.Пешвои сиёсӣ - шахси муайянест, ки ба тамоми ҷомеа, ташкилоти сиёсӣ ва гурӯҳи калони иҷтимоӣ таъсир расонида одамонро дар атрофи хеш ғун карда метавонад.

2.Пешвои сиёсӣ – ин мақоми идоракунанда, мавқеи сиёсиест, ки бо қарори ҳукумронӣ вобаста буда, вазифаи роҳбарикунанда мебошад.

3.Пешвои сиёсӣ - ин нишонаи умумият, нусхаи рафтори гурӯҳи сиёсии қобилияти бо ёрии ҳокимият манфиати онҳоро амалисозанда мебошад.

## 2. Таълимоти сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик доир ба сарвари сиёсӣ

Таълимоти сиёсии мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи сарвари сиёсӣ — яке аз самтҳои муҳими андешаи сиёсӣ ва фалсафии Шарқ мебошад. Мутафаккирони форсу тоҷик, аз асрҳои миёна то имрӯз, масъалаи сифату вазифаҳои сарвари сиёсӣ (подшоҳ, амир, роҳбар)-ро бо назари амиқи ахлоқӣ, динӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ кардаанд.

Умуман дар бораи тафаккури сиёсӣ дар фарҳанги форсу тоҷик

Андешаи сиёсӣ дар ҷаҳони форсу тоҷик асосан бар ду поя устувор буд:

- ахлоқ ва адолат,
- масъулияти иҷтимоии сарвар нисбат ба мардум.

Сиёсат аз дидгоҳи мутафаккирон танҳо ҳунари ҳукуматронӣ набуда, хидмат ба мардум ва татбиқи адолати илоҳӣ маҳсуб мешуд.

**Абӯнаср Форобӣ (870–950)**

Дар асари худ **«Мадинаи фозила»** (Шаҳри некӯ) Форобӣ назарияи сарвари комилро таҳия кардааст.

Ба андешаи ӯ, сарвари сиёсӣ бояд:

- доно, донишманд ва фозил бошад;
- ахлоқи баланд дошта бошад;
- хирадмандона ва бо адолат ҳукмронӣ кунад;
- ҳадафаш хушбахтии мардум бошад.

Форобӣ сарвари фозилро ба **пайғамбар ва файласуф** монанд мекунад — касе ки роҳбарии ӯ бар асоси дониш ва хирад аст, на қувва.

Абӯалӣ ибни Сино (980–1037)

Дар рисолаҳои сиёсӣ ва ахлоқии худ, махсусан дар «Донишнома», адолат ва илмро асоси давлатдорӣ медонад.

Ба андешаи ӯ, сарвар бояд на танҳо қонуншинос, балки одил ва раҳмдил бошад.

Ибни Сино сиёсати воқеиро ҳидоят кардани ҷомеа ба камол ва саодат мешуморад.

**Носири Хусрав (1004–1088)**

Дар асарҳои худ, хоса дар **«Сафарнома»** ва **«Рушноинома»**, таъкид мекунад, ки подшоҳ бояд “бо дониш ва имон” ҳукмронӣ кунад.

Ба назари ӯ, сарвари ҳақиқӣ он аст, ки **ба ҳақ амал мекунад, зулм намекунад ва мардумро ба ҳақ мефаҳмонад.**

**Саъдӣ Шерозӣ (1210–1291)**

Дар «Гулистон» ва «Бӯстон» таълимоти мукаммали ахлоқии сиёсӣ медиҳад.

Ба назари Саъдӣ:

подшоҳи одил аз баракати адолат кишварро обод мекунад;

подшоҳи золим сабаби нобудии давлат мегардад;

**Абдураҳмони Ҷомӣ (1414–1492)**

Дар «Баҳористон» ва дигар асарҳояш таъкид мекунад, ки подшоҳ бояд **дар раъйу кор аз донишмандон маслиҳат гирад**.

Ба назари Ҷомӣ, хирад ва адолат ду сутуни асосии ҳукуматанд.

## Андешаи мутафаккирони форсу тоҷик доир ба сарвари сиёсӣ чунин аст:

| Меъёр | Мазмун |
| --- | --- |
| Адолат | Асоси давлат ва пояи оромӣ |
| Доноӣ ва илм | Сарвар бояд донишманд бошад |
| Хидмат ба мардум | Мақсади сиёсати ҳақиқӣ хидмат аст |
| Маслиҳат ва шӯро | Сарвар бояд бо донишмандон машварат кунад |

Дар таълимоти Зардушт (Заратуштра), ки дар «Авесто» инъикос ёфтааст, сарвар ё подшоҳ на танҳо як шахси сиёсӣ, балки **намояндаи Аҳуромаздо дар замин** ба ҳисоб меравад.

Ӯ бояд **ҳақро (аша)** дар ҷомеа ҳифз кунад ва мардумро аз бадӣ (дурӯғ, зулм, танбалӣ, ҷоҳилӣ) нигоҳ дорад.

Ҳадафи сарвари сиёсӣ — **таъмини пирӯзии некию ҳақ бар бадӣ ва дурӯғ** аст.

Ҳукумат бояд воситаи хидмат ба мардум ва роҳе ба сӯи **саодат ва нур** бошад, на манбаи зулм ва нафъталабӣ.

Аз таълимоти Зардушт чунин бармеояд, ки сарвари комил бояд:

бо **ақл ва адолат** ҳукмронӣ кунад;

ба **мардум муҳаббат** дошта бошад;

**дониш, дин ва ахлоқ**-ро бо ҳам муттаҳид созад;

**осоиштагии ҷомеа** ва **пешрафти маънавӣ ва моддии мардум**ро таъмин намояд.

Аслан сарвар бояд воқеъан таҷассумгари таъсиррасонӣ, идоракунӣ, қарорқабулнамоӣ ва навоварӣ буда, ин сифатҳо ӯро аз дигар шахсон фарқ кунонад.

Роҳбари сиёсӣ чун шахси бо эътибори ин ё он гурӯҳ, ташкилоти сиёсӣ набуда аз номи халқ ба ҳайси мутаҳидкунандаи одамон, ҳимоятгари манфиати онҳо, ташаббускори навсозии ҳаёти ҷомеа ва ташкилотчии фаъолияти одамон баромад намояд, зеро рисолати сарвар, пеш аз ҳама аз ҳамин иборат аст.

## 3. Назарияҳо доир ба пайдоиши сарварон

Доир ба пайдоиши пешвоҳо назарияҳои гуногун вуҷуд дорад, ки маъмултаринашон инҳоянд.

1. Назарияи хусусияти пешво. Пешво касе мешавад, ки дорои хусусиятҳои махсус (меҳнатдӯстӣ, боҷасоратӣ, навовар, ташкилотчӣ ва рӯҳи эҷодкорӣ) бошад.

2. Назарияи вазъият. Сифатҳои пешвоӣ нисбианд ва барои ҳар кас вазъияти муайяне бояд мусоидат намояд, вай лаҳза (фурсат)-ро дуруст ба ҳисоб гирифта тавонад ва тибки он амал намояд.

3.

Назарияи рикобдорони шоҳсозанда. Мустақилан сарвар намешаванд. Пешвои муносибу зарурииро ҷустуҷӯ карда ёфта, дар курсии мансаб мешинонанд.

4.

Назарияи равонӣ. Аз рӯи назарияи Фрейд инсонро машғулияти бешууронаи шавқу ҳавас идора месозад. Одамоне ҳастанд, ки ҳамин ҳавасро пахш месозанд.

Чунин навъҳои сарварон дар сиёсат вомехӯранд, ки:

1. Аз рӯи тарзи тасдиқи пешвоӣ дар гурӯҳ ё ташкилот, лидерҳо ду хеланд: а) расмӣ; б) ғайрирасмӣ.

2. Аз рӯи тарзи қонуният се хеланд: а) анъанавӣ; б) ошкоро – ратсионалӣ; в) харизматикӣ.

3. Аз рӯи услуби роҳбарӣ ва идоракунӣ: а) авторитарӣ: б) либералӣ; в) демократӣ.

4. Аз таъиноташ: а) пешво – парчамбардор; б) пешво – хизматгор; в) пешво-савдогар; г) пешво- сӯхторхомӯшкунак.

5. Аз рӯи услуби рафтори равонӣ: а) параноидӣ – девонаавзо; б) намоишгар; в) импулсивӣ; г) депресивӣ, шизоидӣ.

Тавсифи ин гуна пешвоёнро сиёсатшинос Л. М. Куликов чунин нишон додааст:

**ПЕШВОИ НАМОИШКОР (артист)-** худнамоишдиҳиро дӯст медорад, худхоҳӣ, ташнаи дар маркази диққати дигарон будан, аз таъриф зуд аз худ меравад, танқидро тоқат надорад, мардумро аз қафои хеш бурда тавонад ҳам, қобилияти кори саркардаашро то охир расонидан надорад.

ПЕШВОИ АЪЛОХОН (импулсивӣ)-вай новобаста ба имкониятҳо кӯшиш мекунад, ки ҳама корро ба дараҷаи аъло иҷро кунад, бағоят пухтакор, ба меъёрҳо вобаста ва ҳангоми амал сабуку нарм нест, карахт буда, аз принсипҳо ба душворӣ мегузарад: (Брежнев Л.И.).

ПЕШВОИ ЭҲТИЁТКОР (депресивӣ)- соҳибихтиёр нест ва қобилияти пешравӣ надорад, барои ҳамин ба онҳое, ки сиёсат ронда метавонанд, ҳамроҳ мешаванд. Вай аксаран аз ҳаёт қафо монда, рӯҳафтода мешавад.

ПЕШВОИ ДАРХУДРАФТА (шизоидӣ)-вай ҳамчун мушоҳидакори бегона танҳо худро ба эътибор гирифта, эҳтиёткорона ҳама чизро дақиқ месанҷад, то хато накунад.

Симо ва сифати сарвар аз қадимулайём диққати аҳли фарҳангро ба худ ҷалб карда, ҳар кадом мутафаккир вобаста ба талаботи замон ва шароитҳои таърихӣ пешворо ба таври худ дидан мехостанд.

Подшоҳ бояд ҳоҷатбарори мардум, фурӯтан, ботамкин, қавиирода, ҳушёр, парҳезкор, ва бофаросат бошад. Ба таълимоти Форобӣ такя намуда, чунин вазифаҳои пешвои сиёсиро нишон додан мумкин аст.

- идоракунӣ - коркард ва қабули қарорҳои сиёсӣ;

- баҳаморӣ(интегратсия) - таъмини томияти арзӣ ва ягонагии халқ;

- муоширатӣ - ташкили робитаи ҳокимият ва халқ, боваркунонии мардум ба дуруст будани қарорҳои қабулшуда:

- конунӣ будан - таъмини дастгирии ҳокимият дар асоси обрую эътибори шахсӣ.

## 4. Шароитҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ

Зубдагони сиёсӣ (ё элитаи сиёсӣ) гурӯҳи нисбатан хурди афродест, ки дорои нуфуз, салоҳият ва имконияти қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ мебошанд. Ин гурӯҳ дар ташаккули сиёсати давлатӣ, идоракунии ҷомеа ва роҳнамоии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Омӯзиши шароитҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ барои фаҳмидани табиати ҳокимият ва динамикаи рушди сиёсӣ аҳамияти хоса дорад.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки аз рӯзе, ки инсоният худро ҳамчун вуҷуди соҳибақлу соҳибзавқ шинохтааст, ҷомеаи вай ба ду гурӯҳи одамон ҷудо шудаанд. Ба гурӯҳи аввал- ашхоси алоҳидаи чусту чолок ва ҳунарманду доно ва ба гурӯҳи дигар- одамони миёназавқи ҳунар мансуб буданд. Аз ҳамон давр сар карда, шахсони бозавқу ҳунар, чусту чолок дар байни аксарияти мутлақи аҳолӣ соҳибикром буда, оммаҳо нисбаташон ҳар гуна хусусиятҳои фавқулоддаро молик медонистанд.

Ташаккули зубдагони сиёсӣ зери таъсири маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва институсионалӣ сурат мегирад. Аз ҷумла:

## Омилҳои иҷтимоӣ

- Сатҳи таҳсилот ва омодагии касбӣ;
- Мансубият ба қишрҳои иҷтимоии дорои нуфуз;
- Дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоиву сиёсӣ;
- Мавқеи оила ва муҳити иҷтимоӣ.

## Омилҳои иқтисодӣ

- Моликият ва захираҳои иқтисодӣ ҳамчун сарчашмаи таъсир;
- Иштирок дар соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ;
- Дастрасӣ ба сармоя ва василаҳои иттилоотӣ.

## Омилҳои сиёсӣ ва институсионалӣ

- Хусусияти низоми сиёсӣ (демократӣ ё авторитарӣ);
- Сатҳи рушди ҳизбҳои сиёсӣ ва институтҳои давлатӣ;
- Механизмҳои интихоб ва таъйини роҳбарон;
- Шакли муносибатҳои байниқудратӣ ва гурӯҳӣ.

# Марҳилаҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ

**Интихоб ва ҷудошавӣ** – аз миёни табақаҳои иҷтимоӣ шахсони боистеъдод ва фаъол ҷудо мешаванд.

**Сохтмон ва муттаҳидшавӣ** – онҳо ба гурӯҳҳои дорои манфиатҳои муштарак муттаҳид мегарданд.

**Институтсионализатсия** – элита дар сохторҳои расмии сиёсӣ (ҳукумат, ҳизбҳо, парлумон) ҷой мегирад.

**Таҷдид ва мувозинат** – элитаи нав бо элитаи кӯҳна рақобат мекунад ва тавассути интихобот ё дигар роҳҳо нав мешавад.

## 5. Навъҳои зубдагони сиёсӣ ва вазифаҳои зубдагони сиёсӣ

Зубдагонро ба зубдагони маънавӣ, иқтисодӣ ҳарбӣ, зеҳнӣ ва тиҷоратӣ ҷудо менамоянд, ки дар байни онҳо зубдагони сиёсӣ нақши хоса доранд, чунки онҳо хосияти сиёсати ҷомеаро дар дасти худ гирд оварда, стратегияи ҳалли масъалаҳои муҳимро қабул намуда, ҷомеаро идора менамоянд. Аз он ки зубдагони сиёсӣ ҷомеаро чи гуна идора мекунанд ва чӣ гуна қарори сратегӣ қабул менамоянд, аз натиҷаи фаъолияти дигар зубдагон вобастааст. Зубдагон дар ҷомеа кушода ва пӯшида мешаванд. Дар зубдагони пӯшида барои гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ роҳ нест. Аммо зубдагони кушода бошанд, онҳо аз дохили дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба камол мерасанд.

Алҳол дар сиёсатшиносии муосир чунин типҳои зубдагонро ҷудо кардаанд:

а) маънавӣ;

б) иқтисодӣ;

в) ҳарбӣ;

г) зеҳнӣ;

д) тиҷоратӣ;

е) сиёсӣ.

Ба ҳама равшан аст, ки раванди ташаккули зубдагон вобаста ба системаи сиёсию сохтори он, вазъият ва сатҳи маърифатнокии қувваҳои истеҳсолии ҷамъият, тарзи фаъолияти сохтори сиёсӣ ва вазъияти умумии сиёсӣ сурат мегирад. Масалан, ҳангоми инқилобҳои иҷтимоӣ, агар зарурати бо роҳи зӯрӣ сарнагун сохтани режими дар сари қудратбуда ба миён ояд, он гоҳ аз байни қувваҳои мубориз пешвоёни инқилобӣ ба майдон омада, бо роҳи худнишондиҳӣ (афзалият) дар набардҳои сиёсӣ аз ҳамсафони дигари хеш намоёнтар мегарданд. Дар ин набардҳо аз ҳар ду гурӯҳ обрӯмандон ба майдон меоянд, аммо як гурӯҳ ба сари қудрат омада, ҳоким мегарданд ва гурӯҳи дигар ҳарчанд ки дар идора кардани ҳокимияти сиёсӣ ширкат накунад ҳам, вале вай зубдаи ҳамон гурӯҳи иҷтимоии худ боқӣ мемонад.

# 5.1. Вазифаҳои зубдагони сиёсӣ

Зубдагони сиёсӣ бо кадом роҳ ва дар кадом шароите ташаккул наёфта бошанд, дар ҷомеа дорои вазифаҳои муайян буда, пешрафту инкишофи ҷамъият, барқароршавии режими сиёсӣ аз бисёр ҷиҳат ба онҳо алоқаманд аст. Вазифаҳои онҳо чунинанд: стратегӣ, коммуникативӣ, ташкилотчигӣ ва ҳамгироӣ.

Дар байни ин вазифаҳо вазифаи кор карда баромадани тактика ва стратегияи инкишофи ҷамъият, муайянсозии барномаи амалҳои сиёсӣ, кор кардани ғояҳои нави пешқадами ба талаботи ҷамъият ҷавобгӯ, ба амалбарории истеҳсолоти таъминкунандаи тараққиёти иқтисодӣ ва босуботии сиёсӣ асосиаанд. Вазифаҳои стратегии зубдагон танҳо дар дараҷаи олӣ аъзои парламент, аъзои шӯрои вазирон, эксперт ва маслиҳатчиён (мушовирон), ёварони Президент ва мутахассисони баландихтисоси соҳаи гуногун, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайра амалӣ мегарданд.

Зубдагони бозаковату фарҳанги баланди сиёсидошта имкон доранд, ки на танҳо ҷомеаро аз бесарусомонӣ, бесубботӣ раҳонанд, балки онро ба маҷрои устувори инкишофи иқтисодӣ дароранд. Ин ҳама ба он вобаста аст, ки роҳи пешгирифтаи пешвои зубдагони сиёсӣ то кадом андоза асоснок ва илмист. Масалан, дар Россия “ваучеризация (1992-1994)”, 500 рӯзи аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадан боиси пешрафти ислоҳот нагашт. На зубдагони сиёсӣ, на иқтисодию ҳарбӣ шояд майли пешбурди ҷамъиятро надоштанд. Шояд, инҷо андешаи Макиавелли дуруст бошад, ки қувваи бузурги ҳаракатдиҳандаи одамон ин талош барои афзун намудани моликияташон бошад. Вай менависад: «Одамон марги падарашонро мебахшанду аз даст додани моликияташонро не[1]».

1.Никколо Макиавелли, Государь и рассуждения на первые три книги Тита Ливия. -Москва, 2009, -349 с.

Вазифаи дигари зубдагони сиёсӣ робитавӣ (коммуникативӣ) буда, вай бояд дар барномаҳои сиёсӣ амалинамоии манфиатҳои гуногуни гурӯҳҳои сиёсӣ, ҳизбӣ, касбӣ, минтақавӣ ва дигар табақаҳои иҷтимоии ҷамъиятро босамар инъикос намояд. Вай бояд маҳорати аниқ қайд намудани дигаргуниҳои дар афкори мардум бавуҷудомада, хусусияти кайфияти гурӯҳҳои иҷтимоиро муайян карда тавонистан дошта бошад. Дар ҷодаи барқарорсозии робитаи зубдагон бо аҳолӣ нақши воситаҳои ахбори умум ва ташкилоти муттасадӣ муҳим буда, аз сифати он ахборот чигунагии муносибати байни зубдагони сиёсӣ ва оммаҳо вобастааст.

Вазифаи дигари элитаи сиёсӣ ташкилотчигӣ аст, зеро оммаи пароканда дар ҳеҷ ҷомеа боиси пешрафти ҳаёт нагаштааст.

Ҷомеа ҳамеша ба сарварони оқилу ташкилотчӣ эҳтиёҷ дорад. Бахусус, шахсоне, ки дар заминаи манфиатҳои умумимиллӣ барномаҳояшонро таҳия месозанду баҳри шарафу номуси халқу миллат оммаро ба ҳам муттаҳид месозанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши бузург мебозанд. Зубдагони ташкилотчӣ агар соҳибмаърифату соҳибфарҳанг бошанд, оммаро ба қувваи бузурги эҷодкор табдил медиҳанд

Ташкили дурусти фаъолияти омма дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ба як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла:

- қонунгузорӣ - (қабули қарор ва қонунҳо аз ҷониби парламент, президент, ҳукумат);

- сафарбаркунӣ - (шаклҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъият, ташаккули кайфият):

- танзимгарӣ - (тақсим ва аз нав тақсимкунии захираҳои моддӣ, молиявӣ ва инсонӣ);

- мутобиқаткунӣ – (амалҳои марказию минтақавӣ);

- назораткунӣ вобаста аст.

Вазифаи якҷоякунӣ (интеграция). Ин вазифа дар системаи вазифаҳои зубдагони сиёсии даъвои ҳокимиятдошта басо муҳим буда, устувории пояҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию фарҳангии ҷамъият, роҳ надодан ба зиддият ва низоъҳо ба онҳо вобастаанд. Бахусус, муҳайё намудани шароити устувори баробарии қувваҳои сиёсӣ, ба ҳисобгирии манфиати ҳама қувваҳои сиёсию минтақавӣ дар ҳама сатҳ вазифаи аввалиндараҷаи зубдагони сиёсӣ аст. Агар зубдагони мақоми аввалдошта дар атрофи хеш зубданамояндагони ҳама ноҳия ва минтақаҳоро гирд наоранд, ҷомеаро ба сӯи тараққиёт бурда наметавонанд. Аз ин рӯ, самаранокии фаъолияти якҷоясозӣ, пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза бори вазнини масъулияти ҷамъият дар байни зубдагони минтақаҳои гуногун тақсим карда шудаасту муносибати эшон бо ҳамдигар чигунаанд.

## 6. Назария ва омилҳои ташаккули зубдагони сиёсӣ

Дар сиёсатшиносии муосир ҳама назарияҳо бо ин ё он навъ аз назарияи Макиавеллии элита сарчашма гирифтаанд. Омӯзиши адабиёти сиёсӣ чунин назарияҳоро баррасӣ мекунанд: назарияи арзишӣ, назарияи элитизми демократӣ, назарияи плюралистии элита, назарияи леволибералӣ, назарияи партократии элита.

Назарияи Макиавеллигии элита дорои чунин хусусиятҳост:

-хусусияти элитарӣ доштани ҳар кадом ҷамъият;

-хусусияти хоси элита;

-муташаккилии доимии элитаи сиёсӣ;

-қонунӣ будани элита;

-устувории сохтори дохилии элита;

-ҳар сари чанд вақт ҳангоми мубориза иваз намудани элита.

**Назарияи меритократии Д. Белл ва Алмонд.** Аз рӯи ин назария зубда (элита) қисми муҳими ҷамъиятест, ки дорои сифатҳои барҷаста, қобилияти воло ва дар соҳаҳои муҳими фаъолият нишондиҳандаи азимро дорост;

- элита аз он ҷиҳат дар ҷомеа мавқеи ҳукумронӣ дорад, ки аз дигарон ташаббускортару сермаҳсултар аст. Оммаҳо - на мотор, балки танҳо чархи таъриханд, ки қарорҳои қабулнамудаи зубдагони сиёсиро дар ҳаёт тадбиқ менамоянд;
- элита натанҳо натиҷаи мубориза баҳри ҳокимият, балки натиҷаи интохоби табиии беҳтаринҳо аз ҷониби ҷамъият аст;
- элита ба баробарии имкониятҳо вобаста аст, на ба баробари натиҷа ва мақоми иҷтимоӣ;
- элита натиҷаи нобаробарии қобилияти фардҳост.

**Назарияи плюралистии элита** (О. Штаммер, Д. Тисмон, С.Келлер) дорои чунин хусусиятҳост: элитаҳои зиёд вуҷуд дорад; элитаҳо назоратшавандаанд; элитаҳо ҳамеша байни худ рақобат доранд; сохтори дохилӣ устувор нест.

**Дар назарияи чапи либералӣ:** танқиди сохтори элитарии ҷомеа; маънидодкунии таркиби вазифагии пайдоиши элита; фарқи ҷиддии элита аз омма; ҳайати мураккаби элита хусусиятҳои асосианд.

Назарияи партократии элита нисбат ба назарияҳои дигар дорои чунин хусусиятҳост: элита хусусияти глобалӣ дорад; миқёсан идоракунии сиёсии ҷамъияти калон; механизми махсуси ташаккули элита; нақши баланди идеология.

Ташаккули ҳама гурӯҳҳои сиёсию иҷтимоӣ, умуман, ва зубдагони сиёсӣ, махсусан, ба чанд омил вобастааст:

- васеъгии базаи иҷтимоии шахсони амалисозандаи интихоб;
- меъёр ва тартиби интихоби зубдагон.

Ин ду омил вобаста ба шароити иқтисодию сиёсӣ, вазъи рӯҳии ҷамъиятӣ, дараҷаи камолоти касбию фарҳангӣ мазмунашон дар ҳар кишвар тағйир меёбад. Таҷрибаи таърихии халқҳои ҷаҳон собит кардааст, ки ҳалли бисёр масъалаҳо, аз ҷумла ташаккули зубдагони сиёсӣ ба режими сиёсии ҳукмрон зич вобастааст.

Барои ҳамин мазмуни омилҳои дар боло ишорашуда ва режими сиёсӣ дар ташаккули зубдагони сиёсӣ ду тамоилро ба вуҷуд овардааст:
Тамоили механизми пӯшидаи ташаккули зубдагони сиёсӣ, ки базаи иҷтимоияш хеле танг буда, чун қоида асосан вай аз ҳисоби доираи шахсони ҳукмрон ва доираи селекторҳо ташаккул меёбад.

2.Тамоили дуюм хилофи тамоили якум буда, доираи васеи интихобкунандагон, раванди ошкоро (шафоф)-и интихоб, имконияти даъво кардан барои ишғоли мансаб, ба таври рақобатӣ интихоб шудан, ба сифатҳои шахсии интихобшаванда эътибори ҷиддӣ доданро дар бар мегирад. Чунин тарзи интихобот имкон медиҳад, ки воқеан ҳам беҳтарин ашхоси аз ҷиҳати илму фарҳанг ва ахлоқи ҳамида ба идора кардани ҷамъият ҷалб карда шаванд.

**Ҳайати зубдагони сиёсӣ.** Масъалаи дигаре, ки барои сиёсатшиносони муосир муҳим аст, ин сохтори зубдагони сиёсии муосир аст. Зубдагони сиёсӣ ҳамон гурӯҳи сардорони сиёсиеанд, ки қарорҳои сиёсиро дар ҳаёт амалӣ месозанд. Вобаста ба ҳаҷми иҷронамоии ваколатҳо сиёсатшиноси Ҳинд П.Шарон зубдагони сиёсиро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст. 1.Зубдагони олӣ, 2. Зубдагони миёна. 3. Зубдагони маъмурӣ.

- зубдагони сиёсии олӣ. Ба он ҳамон роҳбароне мансубанд, ки мавқеи стратегӣ дошта, дар қабули қарорҳо нақши муҳим доранд. Ба ин гурӯҳ президент, ашхоси дастгоҳи президент, сарвазир, император, шоҳ ва атрофиёнашон, роҳбарони ҳукумат, аъзои мақомоти олии судӣ, роҳбарони ҳизбҳои бонуфуз, спикерҳои парламентӣ, роҳбарони фраксияҳои калони парламон дохил мешаванд;
- ба зубдагони миёна онҳое, ки дар органҳои интихобӣ интихоб мешаванд, депутатҳо, зубдагони минтақавӣ, пешвоёни ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ ва ба зубдагони маъмурӣ аъзоёни ҳукумат ва табақаи болои хизматчиёни давлатӣ шомиланд;
- зубдагони маъмурӣ- аз табақаи олии хизматчиёни давлатии вазифаи калидӣдошта дар дастгоҳи маъмурӣ гирд оварда мешавад, ташаккул меёбад.

**Типҳои зубдагон.** Зубдагонро аз рӯи намояндагии иҷтимоӣ ва баҳамякҷояшавии гурӯҳӣ: ба олӣ ва паст; тарзи ташаккулёбӣ ва бахамякҷояшавӣ: кушодаю пӯшида; аз рӯи соҳаи иҷрокунии муваққатию таъсир ва хусусияти ҳокимият: васеъ ва маҳдуд; аз рӯи тарзи пайдоишу сохтори ҳокимият: ягонаи муассисӣ, ҳамрайъӣ, абстрактӣ ва сохтори ҳокимият: тимократӣ, олигархӣ, пешбаранда, демократӣ ҷудо мекунанд.

# Адабиёт


1. Табарӣ, Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир**.** *Таърихи Табарӣ*. Ҷилди 1. Душанбе: Нашриёт, 1992, саҳ. 210–211.
2. Никколо Макиавелли, Государь и рассуждения на первые три книги Тита Ливия. - Москва, 2009, -349 с.
3. Политология. Под. ред. проф. М.А.Василика. – М., 1999. – С.231
4. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

Ташаккури зиёд!